Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш.Душанбе, кӯчаи Наҳимов 64/14, www.tgfeu.tj.

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ки барои дарёфти доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Рушди иқтисодиёти ҳар як давлат ҷустуҷӯ ва истифодаи шаклҳои нави самараноки ва истифодабарии захираҳои иқтисодиро тақозо мекунад. Яке аз усулҳои маъмултарини ҳалли масъалаи рушди минбаъдаи шаклҳои ташкилӣ, Воситаи маъмултарини маблағгузории берунии ширкатҳо дар бахши корпоративии иқтисодиёт ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад. , ки он имкон медиҳад Мушкилотҳои асосоии иқтисоди давлат бартараф карда шаванд.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ мукаммалгардонии бахши молия дар асоси Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030, ки аз 31 январи соли 2020, №1446 тасдиқ гардидааст, сурат мегирад.

Барномаҳои миёнамуҳлати рушди соҳаи низоми молиявӣ кишвар қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои асоснокунии механизмҳои молиявӣ ҳвасмангардонии ва самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодӣ ва рушди сиёсати пулию қарзӣ ва пешниҳои амалӣ оиди такмилдиҳии онҳо дар дар ҷумҳури зоҳир мегардад.

Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии низоми молиявӣ ва хусусиятҳои асосии он дар иқтисоди бозорӣ рушди иқтисодӣ дар навбати худ аз механизмҳои молиявӣ, ки ба ташаккули низоми молиявӣ ва нақши низоми молиявӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд аз ҷониби муалим мавриди бараси қарор гирифтаанд.

Бояд қайд намуд, ки барои баланд бардоштани сифати автореферати диссертатсия як чанд таклифу пешниҳодҳо ҳали худро металабанд.

1. Дар автореферат аз ҷониби муаллиф масъалаҳои такмили механизмҳои молиявӣ дар сатҳи зарурӣ дида баромада нашудаанд.

2. Агар муаллиф дар ҳар як қисмати ҷадвалҳои таҳлилшуда фикру андешаҳои худро иброз менамуд, матни автореферат боз ҳам пурмазмунтар мешуд.

Тавсияҳо дар автореферат гуфташуда характери тавсиявӣ доранд ва онҳо наметавонанд аҳамияти илмии таҳқиқотро ихтисор намоянд.

Ҳамин тавр, қайд кардан ба маврид аст, ки мазмуну муҳтавои автореферат пурра ба матни диссертатсия мувофиқат менамояд, мақолаҳои муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқанд ва диссертстияи Одинаев Эраҷ Сарахонович дар мавзуи «Такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон дар асоси талаботи илмӣ-назарявӣ ва амалии муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дарачаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) тавсия дода мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и., мудири кафедраи**
**фаъолияти бонкии ДДТТ** **Ҳалимов Л.М.**

**Имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; к. Деҳотӣ
**Тел.:** +992 (37) 234-83-46
**E-mail.:** mail@ddtt.tj
Сомона: www.tguk.tj